**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2025. – 183 с.**

Маҷмуи вожагон ё калимаҳои хосси ягон соҳаи илму фан, саноату истеҳсолот, касбу ҳунар, ки бо мафҳумҳои мушаххас алоқаманданд, маъмулан истилоҳот ном бурда мешаванд. Ҳар соҳаи илму фан ё касбу ҳунар истилоҳоти хосси худро дорад, ки дар ҳампайвандӣ як низоми том ва муназзами истилоҳоти ҳамин соҳаро ташкил медиҳанд.

Таҳқиқ ва баррасии истилоҳоти ин ё он соҳа дар забоншиносии муосири тоҷикӣ яке аз масъалаҳои муҳим мебошад. Истилоҳоти ҳар як забон, қатъи назар аз мансубияти худ ба ин ё он бахши амалиёти инсон, аксаран таърихи пешин доранд ва дар ниҳод бисёр далелҳоеро нигоҳ медоранд, ки баррасӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо барои ҳаллу фасли минбаъдаи мавзуъҳои ҳалталаби боби луғат, бахши калимасозиву калимабандӣ, соҳаи этимология ва амсоли инҳо дорои аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович, ки ба таҳлилу баррасии хусусиятҳои лексикиву морфологии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бахшида шудааст, аз рӯйи мақсаду вазифа, муҳтаво ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, пурра мувофиқат мекунад.

Боиси хушнудӣ ва қаноатмандист, ки дар солҳои охир як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ва монографӣ анҷом дода шуданд, ки масъалаҳои гуногуни соҳаи коргузорӣ ва дафтардориро дар забони муосири тоҷикӣ дар бар мегиранд. Ҳарчанд солҳои охир ҳуҷҷатгузорӣ бо забони тоҷикӣ дар кишвар вусъати тоза пайдо кардааст, вале паҳлуҳои мухталифи ҳуҷҷатҳо, бахусус ҳуҷҷатҳои коргузорӣ, таваҷҷуҳи бештар мехоҳад. Диссертатсияи мавриди тақриз яке аз корҳои илмӣ-таҳқиқиест, ки ба пажуҳиши ҷанбаҳои забонии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бахшида шуда, дар пур кардани яке аз холигоҳҳои истилоҳшиносии муосири тоҷикӣ вобаста ба мушкилоти забонии тарҷума ва ҳамгунсозии истилоҳот саҳми арзандаи худро мегузорад.

Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ таҳқиқи масъалаҳои мубрами назарӣ ва амалии истилоҳшиносӣ ва истилоҳгузиниро дар забони тоҷикӣ бозтоб намуда, хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории истилоҳоти соҳаи маъмурию коргузории забони тоҷикиро таҳлилу баррасӣ намудааст. Аз ин лиҳоз,

**мавзуи мазкур**, бешубҳа, **мубрам** ва **таҳқиқи** он дар марҳилаи нави рушди забон ва истилоҳшиносии тоҷик саривақтӣ мебошад.

Чунонки аз мутолиаи диссертатсияи тақризшаванда бармеояд, «Истилоҳоти коргузорӣ маҳз масоили марбут ба мактубу номаҳоро фарогир буда, номи ҳуҷҷатҳо, калимаҳои қолабии дохили он ва асбобу ашёи истифодашаванда дар ин самт ҳамчун истилоҳоти бахши мавриди назар шинохта мешаванд. Номи муассисаҳо ва унвонҳои мутааллиқи ашхос бошад, ба сифати истилоҳоти маъмурӣ шинохта шудаанд» (с. 4).

Аз ин ҷиҳат, истилоҳоти маъмурию коргузориро қабати фаъолтарини истилоҳот ҳисобидан ҷоиз аст, зеро дар давлатдорӣ ва низоми коргузории он ҳуҷҷатнигорӣ нақши меҳвариро соҳиб аст.

Истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ба фаъолияти одамон пайванди ногусастанӣ дошта бошад ҳам, бо вуҷуди таҳқиқҳои ҷудогона, дар забони муосири тоҷикӣ ба таври мушаххас таҳлилу таҳқиқ нашудаанд. Мушаххас намудани дараҷаи истифода, таърихи баромад, маънои луғавӣ, хусусиятҳои грамматикӣ ва сохтори морфологии ин гурӯҳи истилоҳот барои шинохти пурраи онҳо зарур аст.

Бояд тазаккур намуд, ки дар кори Давлатов Ифтихор Асрорович маҳз ҳамин гуна хусусиятҳои барҷастаи истилоҳоти соҳаи маъмурию коргузорӣ хуб баррасӣ шудаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ва вижагиҳои луғавию морфологии онҳо дар забоншиносиии муосири тоҷик зарур ва муҳим арзёбӣ мегардад, зеро ҷанбаҳои сохториву маъноии онҳо барои ҳалли мушкилоти ҳамгунсозӣ ва корбурди онҳо мусоидат менамояд, ки ба таври мукаммал дар диссертатсия оварда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷа ва хулосаҳову тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллиф дар заминаи маводди назарӣ ва амалии боэътимод анҷом шуда, кори диссертатсионӣ дар самти худ назаррас мебошад, ки инро зарурати таҳқиқи мавзуъ собит мекунад. Таҳлилҳои равшан ва илмии дар заминаи ақидаҳои назарии олимони соҳа ва баррасиҳои худи диссертант анҷомшуда, асоснок ва боэътимод будани хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсиониро собит мекунанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 183 саҳифаи чопи компютерӣ мебошад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарию

методологии таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии таҳқиқ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дарҷ гардидаанд.

**Боби якуми** диссертатсия **«Мавқеи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар низоми истилоҳии забони тоҷикӣ»** унвон дошта, аз 3 фасл иборат мебошад.

**Фасли якуми** боби мазкур «Марҳилаҳои асосии рушди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ» ном дорад ва дар он оид ба таърихи ташаккул ва давраҳои рушди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ маълумот дода шуда, хусусиятҳои хосси ин давраҳо таҳқиқ гардидаанд. Диссертант бар он назар аст, ки «Истилоҳоти маъмурию коргузорӣ як қисми муҳимми таркиби луғавии забонро ташкил медиҳад. Ҳуҷҷатҳо дар давраҳои гузашта, он гуна ки дар асарҳои илмӣ, таърихӣ ва бадеӣ зикр шудааст, дар дарбори шоҳон, девонҳо, ташкилотҳои давлатӣ, аз тарафи надимон ва котибон иншо гардида, аз ҷониби вазир, қозӣ ва дигар мутасаддиён бо муҳр тасдиқ карда мешуданд» (с.13).

Фасли дуюми боби мазкур **«Хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ»** ном дорад ва он фарогири маълумот оид ба истилоҳ ва хосиятҳои забонии ин қабати лексикӣ мебошад.

Назари муҳаққиқ оид ба ҷанбаҳои грамматикии истилоҳот равшан ифода шудааст: «Яке аз нишонаҳои грамматикии истилоҳот он аст, ки аксаран исм мебошанд. Аксар истилоҳот хусусияти номгузорӣ доранд ва аз ин ҷиҳат онҳо ҳамчун ҳиссаи нутқ бештар ба исм мансубанд. Як қисми муҳимми истилоҳот тавассути иборасозӣ пайдо гардидаанд. Истилоҳоти *варақаи шахсӣ, варақаи корношоямӣ, рухсатии меҳнатӣ, прокурори генералӣ, Маҷлиси Миллӣ, шабакаи иттилоотӣ, протоколи пурсишӣ, қарори гузаронидани ташхис, протоколи муоинаи ҳуҷҷат* аз ҳамин навъ мебошанд»(с.56).

Фасли **сеюми боби** аввали диссертатсия **«Муродифшавии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ»** унвон гирифта, дар он гунапазирии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ таҳлил шудаанд.

Андешаи муаллиф роҷеъ ба масъалаи тарҷумаи таҳтуллафзии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Муҳақиқ қайд мекунад, ки: «Истилоҳоти маъмурию коргузорӣ як қисми муҳимми ин риштаи илм буда, дар дафтардории тамоми соҳаҳои касбу кор истифода мегардад. Имрӯз вазъи истилоҳоти маъмурию коргузориро дар забони тоҷикӣ мо қаноатбахш гуфта наметавонем, ҳарчанд дар даврони Истиқлол рӯ ба

беҳбудӣ ниҳодааст. Яке аз камбудиҳои ҷиддӣ дар корбурди истилоҳот тарҷумаҳои таҳтуллафзии истилоҳоти гуногун, бахусус соҳаи маъмурӣ ва коргузорӣ мебошад» (с.70).

Чунин масъалагузориҳо ва баёни андеша аз арзиши баланди диссертатсия ва муваффақ гардидан дар иҷрои ҳадафи дар диссертатсия гузошташуда гувоҳӣ медиҳанд.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Вижагиҳои луғавию маъноии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ»** унвон дошта дар он масъалаҳои ифодаи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бо воситаҳои гуногуни забонӣ, сарчашмаҳои пайдоиши ин гурӯҳи истилоҳот, истилоҳоти куҳнашуда ва истилоҳоти иқтибосӣ бо мисолҳои мушаххас баррасӣ гардидаанд.

Дар **фаслҳои якум ва дуюми** ин боб ифодаи истилоҳоти маъмурию коргузорӣ бо воситаҳои гуногуни забонӣ ва сарчашмаҳои пайдоиши ин гурӯҳи истилоҳот таҳқиқ гардидааст. Муаллиф қайд мекунад, ки «...дар қолаби ибора сохтани истилоҳот, хусусан, истилоҳоти маъмурию коргузорӣ серистеъмол буда, қолаби истилоҳсозииибораҳои озоди синтаксисӣ бо изофат нисбатан зиёдтар аст» (с.82).

Дар **фасли сеюм ва чоруми боби дуюми** истилоҳоти куҳнашуда ва иқтибосии маъмурию коргузорӣ таҳлилу баррасии маъноӣ карда шудаанд. Муҳаққиқ дар мавриди истилоҳоти куҳнашуда назарашро чунин баён кардааст: «Бояд зикр намуд, ки қисми зиёди истилоҳоти маъмурию коргузорие, ки имрӯз аз истеъмол баромадаанд, бо гунаҳои дигар дар истифодаанд, ки метавонанд то андозае дар маънои аслии худ устувор бошанд».

Ҳамчунин, истилоҳоти маъмурию коргузории зиёдеро ба монанди: борнома, ганҷинасанҷ, дафтархона, додгар, доруға (асас, сардори посбонони шахр), дорулқазо, иршод, кутвол (миршаб), қозиёт, мавоҷиб (маош), мактабдор, нақиб (сардори қабила) ва дигар истилоҳотро метавон номбар кард, ки дар давраи муайян истифода гардида, айни замон ба гурӯҳи калимаҳои куҳнашуда шомил гардидаанд» (с. 101-102).

Диссертант андешаи худро нисбат ба истилоҳоти маъмурию коргузории аз забонҳои форсӣ ва дарӣ воридшударо чунин хулоса кардааст: «Истилоҳоти маъмурию коргузории аз забони мардумони ҳамҷавор ба забони тоҷикӣ иқтибосгардида зиёд ба назар мерасанд, ки нисбат ба иқтибосоти байналмилалӣ ба фонетикаи забони тоҷикӣ созгортаранд. Расман дар коргузорӣ ба таври комил истифода нашаванд ҳам, дар забони Васоити омма ба таври фаровон ба кор бурда мешаванд» (с. 124-125).

Дар боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **«Сохтори морфологии истилоҳоти маъмурии коргузорӣ»** ва фаслу зерфаслҳои он хусусиятҳои

сохтории ин гурӯҳи истилоҳот баррасӣ гардидааст. Истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар зербобҳои боби мазкур ба сода, сохта, мураккаб ва омехта ҷудо карда шуда таҳлили амиқу дақиқ гардидаанд.

**Хулосаи** диссертатсияи И.А. Давлатов аз 13 банд иборат буда, бо далелҳои қавӣ асоснок гардидааст ва дар истилоҳшиносии тоҷик саҳми арзанда ва намоён мегузоранд. Муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳлил ва баррасии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ба хулоса меояд, ки «Истилоҳоти маъмурию коргузорӣ як қабати муҳимми воҳидҳои лексикии забонро ташкил дода, дар соҳаҳои коргузорӣ ва дафтардории тамоми корхонаву муассисаҳо, идораҳои давлатӣ ба кор бурда мешаванд. Соҳаҳои корбурди истилоҳоти маъмурию коргузорӣ мухталиф буда, дар самтҳои коргузории идорӣ, муносиботи дипломатӣ ва таҳияи матнҳои қонунгузорӣ бештар истифода мегардад» ( с.160).

**Диссертатсияи мавриди** тақриз дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда натиҷаҳои он назарияи истилоҳшиносӣ ва истилоҳгузиниро аз лиҳози гурӯҳи таркибии истилоҳ пурра намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт заминаи мусоид ва боэътимод фароҳам меоранд. Гузашта аз ин, кори илмӣ-таҳқиқии мазкур метавонад ҳамчун мавод барои баргузории курсҳои назарии назария ва амалияи истилоҳсозӣ, курсҳои махсуси истилоҳсозӣ, ҳамгунсозии истилоҳот ва барои корҳои илмӣ-таҳқиқии марбути ҳуҷаттнигорӣ ва дафтардорӣ хизмат намояд. Ҳамзамон, метавонад барои рушду густариши таҳқиқоти лексикӣ ва сохтори истилоҳоти соҳавӣ, назария ва амалияи истилоҳгузинӣ ва морфология муҳим бошад.

Ба унвони бартарӣ ва аҳаммияти амалии диссертатсияи мазкур хулоса ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро метавон зикр намуд, ки метавонанд дар раванди таълими истилоҳшиносӣ, назария ва амалияи ҳуҷҷатнигорӣ ва дафтардорӣ истифода шаванд. Натиҷаҳои амалии марбут ба хусусияти сохтории истилоҳотро дар дарсҳои ҳуҷҷатнигорӣ ва лингвистикаи ҳуҷҷати муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин, дар навиштан ва таҳия намудани китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, навиштани диссертатсияҳои номзадию докторӣ ва дигар корҳои илмӣ-таҳқиқӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мухтавои асосии диссертатсия дар 6 мақолаи чопшуда дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар дигар маҷмуа ва нашрияҳо, аз қабили, конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ироа гардидааст.

Дар диссертатсия аз методҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ – методҳои таҳлили луғавию маъноӣ ва муқоисавӣ истифода шудааст.

Рӯйхати адабиёт, номгӯйи сарчашмаҳои илмию бадеӣ, фарҳангҳо ва захираҳои интернетиеро дар бар мегирад, ки дар диссертатсия аз онҳо истифода гардидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ғалатҳои имлоӣ ва грамматикӣ ва ҷой доранд, ки зикри онҳо ба манфиати кор аст:

1. Диссертатсия ба таҳқиқи вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст, ки на ҳамаи хусусиятҳои истилоҳоти мазкурро фаро мегирад. Агар муҳаққиқ ба хусусияҳои синтаксисии истилоҳоти мазкур таваҷҷуҳ менамуд, пажуҳиш мукаммал мегардид.
2. Дар диссертатсия ҳаҷми бобҳо мухталиф буда, таносуб риоя нашудааст.
3. Фасли «Истилоҳоти иқтибосӣ» фарогири маводи зиёд аст, вале ба назари мо хуб мебуд агар ба зерфаслҳо ҷудо карда мешуд.
4. Дар сурати ҷудогона мавриди таҳлил қарор додани истилоҳоти маъмурӣ ва коргузорӣ арзиши илмии диссертатсия баландтар мегардид.
5. Агар дар диссертатсия корбурди омории истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар шакли ҷадвал оварда мешуд, ҳусни пажуҳиш афзун мегардид.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Давлатов Ифтихор Асрорович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавию сарфии истилоҳоти маъмурию коргузорӣ дар забони тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи

ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илми филологӣ,
дотсенти кафедраи
забон ва адабиёти тоҷики
факултети забонҳои шарқи
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров» **Ҷӯраева Сарвиноз Бобоқуловна**

**Нишонӣ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков-1.
**Тел.:** (92) 774-05-01
**E-mail:** sarvinoz.79@mail.ru

«25» 08 соли 2025

Имзои **Ҷӯраева С. Б.**-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б. Ғафуров» **Сайдуллозода Заррина Сайдулло**

**Нишонии муассиса:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 3422 6-52-73
E-mail: www.hgu.tj

«25» 08 соли 2025